

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№48 (4944)

ЧОРШАНБЕ,
16 АПРЕЛИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj




## АННА БЙЕРДЕ ВА АНТОНЕЛЛА БАССАНӢ ДАР ҲУЗУРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**13-уми апрели соли 2025 дар Қасри миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Директори идорӣ оид ба фаъолияти амалиётии Бонки ҷаҳонӣ хонум Анна Бйерде ва Ноиби Президенти ҳамин бонк хонум Антонелла Бассаниро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот ҳолати кунунӣ ва дурнамои ҳамкории Тоҷикистон бо Бонки ҷаҳонӣ баррасӣ шуд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сатҳи имрӯзаи ҳамкорӣ бо Бонки ҷаҳониро баланд арзёбӣ намуда, аҳамияти басо хосаи идомаи самараноки шарикӣ бо онро бо назардошти шароити имрӯзаи афзоиши таъсири манфии омилҳои беруна ба иқтисодиёти Тоҷикистон таъкид карданд.

Дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо масоили мубрами вобаста ба тавсеаи истеҳсолу содироти энергияи тоза аз манбаъҳои барқароршаванда дар Тоҷикистон ва дар ин замина, рушди иқтисоди «сабз»-ро муҳокима намуданд. Дар ин зимн ҷонибдории Бонки ҷаҳонӣ аз дастгирии ташаббусҳои Тоҷикистон дар доираи рӯзномаи глобалии тағйирёбии иқлим таъкид гардид.

Дар рафти суҳбат масъалаҳои вобаста ба дигар ҷанбаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, устуворнокии иқтисодиёти он ба хавфу хатарҳои муосир, ҳамчунин, ҷалби маблағҳои грантӣ ва имтиёзноки шарикони рушд барои татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки кишвар муҳокима гардид.

Изҳори бовар карда шуд, ки Бонки ҷаҳонӣ ҳамчун шарики боэътимод саҳмгузории худро дар амалӣ намудани нақшаҳои минбаъдаи Ҳукумати Тоҷикистон дар самти таъмини рушди устувор идома хоҳад дод.

## БАРҚИЯИ ТАСАЛЛӢ

**15-уми апрели соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Сарвазири Малайзия муҳтарам Анвар Иброҳим барқияи изҳори тасаллӣ ирсол намуданд, ки дар он гуфта мешавад:**

**«Ҷаноби Олӣ,**

Хабари даргузашти собиқ Сарвазири Малайзия ҷаноби Абдулло Аҳмад Бадавӣ боиси ғояти андуҳи мо гардид.

Марҳум бо фаъолияти доманадори худ ҳамчун ходими сиёсиву давлатӣ дар дохили кишвар ва берун аз он маъруфият пайдо карда, соҳиби обрӯву иззат ва эътибори шоиста гардида буд.

Мо саҳми ҷаноби Абдулло Аҳмад Бадавиро дар таҳкиму тавсеаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории гуногунҷанбаи Тоҷикистону Малайзия қадр мекунем ва ба шахсияти ӯ эҳтиром мегузорем.

Дар робита ба ин мусибати гарон ба Шумо ва мардуми барои мо бародари Малайзия ҳамдардиву таслияти самимии инҷонибро баён намуда, ба ҳамаи пайвандону наздикони марҳум сабри ҷамил хоҳонам».

**Бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз лаҳзаҳои аввалини пас аз рух додани заминҷунбии рӯзи 13-уми апрели соли ҷорӣ комиссияи ҳукуматӣ таҳти роҳбарии муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Зиёзода ба ноҳияҳои водии Рашт сафарбар гардид.**

Комиссияи ҳукуматии иборат аз намояндагони роҳбарии вазорату идораҳои вобаста ба ҳолатҳои фавқулода, захираҳои давлатӣ, сохтмон, геология, заминсозию геодезия ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба омӯзиши ҳамаҷонибаи оқибатҳои заминҷунбӣ ва муайян намудани ҳаҷм ва намудҳои кумаки фаврӣ ба мардуми зарардида машғуланд.

## ОҚИБАТҲОИ ЗАМИНҶУНБӢ БАРТАРАФ МЕГАРДАНД

Тибқи супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳаҷм ва роҳу воситаҳои расонидани кумак ба мардум ва бартараф намудани пасомадҳои ин офати табиӣ бояд ҳар чӣ зудтар муайян карда шуда, ба корҳо барои бартараф намудани мушкилиҳои пешомада суръат бахшида шавад.

Тибқи маълумоти то ин лаҳза дастрасшуда, дар ноҳияҳои Рашту Тоҷикобод 94 хонаи истиқоматӣ пурра ва 50 хона қисман вайрон шуда, ба 61 хонаи дигар осеби сабук расидааст. Ҳамчунин, 3 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва наздики 200 иншооти гуногуни дигар зарар дидаанд.

Хотиррасон бояд намуд, ки 13-уми апрели соли 2025 соати 09:24 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон заминҷунбӣ рух дод. Қувваи ларзиши замин дар марказаш, ки дар масофаи 160 км шимолу шарқ аз шаҳри Душанбе ва 21 км шарқ аз маркази ноҳияи Рашт қарор дошт, 5-6 балл ва дар шаҳри Душанбе 3 баллро ташкил дод.

## КУМАКҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ЗАРАРДИДАГОНИ НОҲИЯҲОИ РАШТУ ТОҶИКОБОД

**15-уми апрели соли 2025 дар асоси дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба зарардидагони заминларзаи ноҳияҳои Рашту Тоҷикобод кумакҳои иборат аз хӯроквор, ашёи хоҷагидорӣ ва масолеҳи сохтмонӣ фиристода шуд.**

Хотиррасон менамоем, ки 13-уми апрели соли 2025, соати 09:24 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон заминларза ба амал омад. Қувваи ларзиши замин дар марказаш, ки дар масофаи 160 км самти шимолу шарқ аз шаҳри Душанбе ва 21 км самти шарқ аз маркази ноҳияи Рашт қарор дошт, 5-6 балл ва дар шаҳри Душанбе 3 баллро ташкил дод.



Бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди рух додани заминларза 13-уми апрел комиссияи ҳукуматӣ таҳти роҳбарии муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Зиёзода ба ноҳияҳои водии Рашт сафарбар гардид.

Комиссияи ҳукуматӣ иборат аз роҳбарону намояндагони вазорату идораҳои вобаста ба ҳолатҳои фавқулода, захираҳои давлатӣ, сохтмон, геология, заминсозию геодезия ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба омӯзиши ҳамаҷонибаи оқибатҳои заминларза ва муайян намудани ҳаҷм ва намудҳои кумаки фаврӣ ба мардуми зарардида машғул аст.

Тибқи маълумоти пешакӣ дастрасшуда, дар ноҳияҳои Рашту Тоҷикобод 94 хонаи истиқоматӣ пурра ва 50 хона қисман вайрон шуда, ба 61 хонаи дигар осеби сабук расидааст. Ҳамчунин, 3 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва қариб 200 иншооти гуногун зарар дидаанд.

Ҷараёни бартарафсозии оқибатҳои офати табиӣ дар ноҳияҳои Рашту Тоҷикобод ва рафти расонидани кумакҳои аввалия ба мардуми зарардида таҳти назорат ва таваҷҷуҳи доимии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

**www.prezident.tj**

## ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**Чордаҳуми апрели соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок» мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум пешниҳод гардиданд.



Ҳамчунин, вобаста ба масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби намояндаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи таъсис додани комиссияи муваққатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалӣ намудани рақамикунонии фаъолият, гардиши электронии ҳуҷҷатҳо, такмили масъалаҳои рушди инноватсия ва технологияҳои рақамӣ» ва «Дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо вобаста ба суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якуми Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум» қарорҳои дахлдори Шурои Маҷлиси намояндагон қабул шуд.

Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

Бахшида ба Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДУШАНБЕ АЗ БОСТОН ТО ИМРӮЗ

**Вақте ба Душанбеи нав менигарем, пеш аз ҳама, ба роҳбарону масъулон ва муҳандисону сохтмончиёни он аҳсан мегӯем. Биноҳои сарбафалаккашидаи замонавӣ, қасрҳои бошукӯҳ, боғҳои сабзу хуррам ва гулбасар, роҳҳои тахту ҳамвор ва кӯчаю хиёбонҳои ободу зебо диққати ҳар бинандаро ба худ мекашад. Хушбахтона, аксари бунёдкорон тоҷиконанд. Онҳо исбот намуданд, ки гузаштагонамон ободкору шаҳрсоз буданд ва имрӯз анъанаҳои созандагии онҳо аз нав эҳё шудааст. Бозмондаҳои шаҳрҳои қадимаи кишвар низ аз ин дарак медиҳанд.**



Душанбеи азизамон ба сифати пойтахти Тоҷикистони соҳибистиқлол маълуму машҳур гаштааст ва таърихи тӯлонию ҷолиб дорад. Дар замони шуравӣ, бо вуҷуди он ки ба ҳувияти миллӣ ва таърихи пурарзиши мардуми дигар, аз ҷумла тоҷикон, он қадар таваҷҷуҳ надоштанд, баъзе олимони миллатдӯсту содиқи мо ба арзишҳои миллӣ эҳтиром гузошта, маълумотҳои ҷолибро дар матбуот ба табъ мерасонданд. Яке аз онҳо таърихшинос, академик Нуъмон Неъматов, соли 1994, зимни як суҳбат дар матбуоти даврӣ доир ба таърихи Душанбе ибрози назар карда, минҷумла гуфта буд: «Якумин шаҳрро дар Ҳисор бунёд намуда ва Душанберо дар садсолаҳои сеюму дуюми то милод сохтаанд, ки боқимондаи онро ҳозир дар теппаи баланди канори рости рӯди Душанбе, дар маҳали байни кӯчаи Исмоили Сомонӣ ва Боғи набототи АИ Тоҷикистон (ҳоло АМИТ) дидан мумкин аст.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

Вокуниш

# ГУЗОРИШИ БЕПОЯ ВА ҒАРАЗНОК

**Комиссияи озодиҳои мазҳабии байналмилалӣ (USCIRF) дар гузориши солонааш, дар умум, вазъи озодиҳои диниро дар соли 2024 дар Тоҷикистон «ниҳоят бад» арзёбӣ кардааст. Муаллифон, ки бениҳоят «ғанӣ» будани тахайюлашон зери суол нест, талқин намуданианд, ки Ҳукумати Тоҷикистон дар ин сол «қонунҳои сахтгиронаро ҷорӣ кард ва назоратро бар ҳамаи гурӯҳҳо пурзӯр намуд». Лозим ба ёдоварист, ки чунин «раддабандӣ» маротибаи аввал набуда, аз соли 2016 шурӯъ гардидааст.**

Дар ҳоле ки теъдоди кӯдакони дар Ғазза кушташуда ба 15000 расидаю миллион нафари дигар овораанд, дар замоне ки ба шарофати «ниҳоят хуб» будани вазъи озодиҳои динӣ дар ҳамсоякишвар ҳуқуқи миллион кас, хоса занон, дағалона нақз шудааст, ин гуна «баҳогузорӣ»-и вазъи озодиҳои динӣ дар кишваре, чун Тоҷикистон, мазҳакаофарие беш нест. Ба таъбири Аттор:

**Айби худ баъзе набинад дар ҷаҳон,**
**Бошад андар ҷустани айби касон.**

Хуб дарк менамоям, ки дин ва масъалаҳои марбут ба он бо назардошти ҳаводиси ҷаҳони муосир ҳамеша таваҷҷуҳбарангез буда, мунтазам дар сархати расонаҳо қарор дорад. Ҳарчанд баъзе ташкилотҳои «соҳибрисолат» бо сафсатапарокании дар мавриди озодиҳои динӣ «офтобро бо доман пӯшонидан» мехоҳанд, вале баланд будани сатҳи диндории сокинони кишвар далели бебаҳс аст. Ин андешаи инфиродии банда набуда, натиҷаи пажӯҳиши нашрияи британии «The Telegraph» мебошад, ки тибқи он сатҳи диндории шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ баландтарин - 85 фоиз арзёбӣ гардид.

Чунин ба назар мерасад, ки ашхоси озодии эътиқод дар мамлакатамонро зери суол мебурда аз моҳияти дин ва нақши он огоҳ нестанду аксар маврид миёни дин ва хурофот фарқ намегузоранд.

Бигзор ашхоси ҳавасманд дар мавриди сиёсати Ҳукумати мамлакат андешаҳои танқидомезашонро дар заминаи риояи мақарраротi мавҷуда бо пешниҳоди далелу рақамҳои асоснок иброз намоянд. Ин ҳаққи онҳост ва касе ба ин «ҷаноб»-ҳои «дилсӯз» монеа эҷод намесозад. Вале бо ин тарз, ки ҳадаф таҳмили андешаҳои муғризона маҳсуб мешавад, ҳаргиз қобили қабул нест.

Онҳое, ки озодиҳои динӣ дар кишвари моро «маҳдуд» арзёбӣ кардаанд, чаро намегӯянд, ки бо кадом сабаб ҷомеаи Ғарб ҳанӯз сесад сол пеш зарурати бунёди давлати дунявиро ба миён гузоштаву то ба имрӯз ба он устувор аст?

Чаро абарқудратҳо, ки гӯё ба арзишҳои динии давлатҳои мусулмоннишин «арҷгузорӣ» менамоянд, ба ҳеҷ ваҷҳ «роҳ намедиҳанд», ки онҳо дар ҷодаи эъмори давлати воқеан ҳам дунявӣ собитқадам бошанд?

Ба касе пӯшида нест, ки фарҳанги миллии тоҷикон дар ҳамбастагӣ бо арзишҳои динӣ тӯли ҳазору чорсад соли охир ташаккул ёфтааст ва роҳбарияти давлат низ ба ин даврони таърихӣ ҳамчун як ҷузъи таркибии таърихи фарҳанги миллӣ муносибат мекунад. Ҳамрадиф бо ин, фарҳанги исломии мо ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ бисёр ҷиҳатҳои арзишманд ва зиндагисоз дорад, ки истифодаи дурусту оқилонаи он метавонад барои эъмори ҷомеаи адолатпарвар ва ҳифзу таҳкими сулҳу амнияти умумӣ ва суботи сиёсии мамлакат хизмат намояд.

Таҳиякунандагони «раддабандӣ» нодида гирифтаанд, ки пас аз эълон гардидани истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои эҳёи давлатдорӣ, фарҳанг ва арзишҳои миллӣ имкони мусоид фароҳам омад. Ҳарчанд марҳилаи аввали ин раванд хеле душвор сипарӣ шуд, вале имрӯз кишвари мо ҳамчун давлати мустақил ва иштирокчии комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ эътироф шудааст ва мақоми шоистаи худро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Табиист, ки дар ин ҷода муайян намудани мақоми дин дар ҷомеа аз мадди назар дур набуд.

Набояд нодида гирифт, ки раванди демократикунонии ҷомеа ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла озодии виҷдон, боис гашт, ки шаҳрвандон озодона ба дин рӯй оварда, барои пайравии амалӣ аз таълимоти динӣ ва анҷоми маросими динӣ имкони васеъ пайдо намоянд. Эълони озодии виҷдон ва пайравӣ ба дин, бунёди масҷиду муассисаҳои таълимии динӣ ва ғайра сабаб гардиданд, ки таваҷҷуҳи мардум ба дин тамоюли афзоишро касб намояд.

Аслан дингароие, ки «дӯстон»-и мо ба он майл доранд, падидаи сунъӣ буда, ба хурофот рабт дорад ва дар сурати густариш пайдо намудан паёмадҳои ногувор ба бор меорад. Мо бояд фаромӯш накунем, ки солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар ҷомеа равияи нав - таври густурда тарғиб намудани бунёдгароии динӣ маъмул буд. Кор то ба ҷое расид, ки як олими маъруф ба андозаи як муллои чаласавод қадру манзалат надошт. Фурӯши густурдаи фитаҳои амри маъруф, гузаронидани тӯй ва маъракаҳо ба тарзи мазҳабӣ, нишон додани афзалияти таълими динӣ гирифтан дар хориҷи кишвар ва ғайраҳо ба «осиёб»-и чунин муллоҳо об мерехт.

Дар мавриди «нигаронӣ» вобаста ба либоси ба истилоҳ мазҳабӣ бояд мадди назар дошт, ки қисмати зиёди онҳое, ки пӯшидани чунин тарзи либосро ихтиёр намудаанд, таърих ва «моҳият»-и онро намедонанд. Роҳбари хирадсолори кишвар дар раванди таҳлили амиқу доманадори масъалаи мавриди назар минҷумла таъкид намуданд, ки «мувофиқи сарчашмаҳои илмии этнографӣ халқи мо аз қадим либосҳои зебои занона дошт ва ҳеҷ гоҳ сиёҳпӯш набуд. Дар суннати анъанавӣ низ сиёҳпӯшӣ раво нест. Шумо худатон хуб медонед, ки ҳатто либоси мотамии мардуми мо сиёҳ нест».

Тибқи иттилои мақоми ваколатдори соҳа, мусулмонони Тоҷикистон асосан пайрави мазҳаби ҳанафии аҳли суннат ва ҷамоатанд. Танҳо се дарсадро пайравони мазҳаби исмоилии ислом ташкил медиҳад. Дар кишвар беш аз 4000 масҷиди ҷомеи марказӣ, ҷомеъ ва панҷвақта, ду кумитаи рушди ҷамоатхонаҳои шиаи имомии исмоилӣ ба ҳайси иттиҳодияҳои динии исломӣ фаъолият доранд. Илова бар ин, дар кишвар намояндагони даҳҳо дину мазҳаби гуногуни ғайриисломӣ озодона зиндагӣ мекунанд, ки 68 ташкилоти динии онҳо расман сабти ном шудааст.

Дар сатҳи конститутсионӣ таъмин гаштани ҳуқуқу озодиҳои динии шаҳрвандон, эълон шудани Соли бузургдошти пешвои мазҳабии мардуми тоҷик ва аксар мусулмонони ҷаҳон - Имоми Аъзам (р), ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр гаштани Қуръони карим, таъсиси Донишкадаи исломии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии қориёни Қуръон, қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ҷорӣ шудани таълими фанни «Таърихи дин» ва ғайра идомаи мантиқии ин раванд маҳсуб меёбанд.

Муҳимтар аз ҳама, бо Фармони Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин қабул гардид, ки мақсаду вазифа ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи динро бо назардошти манфиатҳои миллӣ муайян ва танзим менамояд.

Бояд ҳатман аз он ёдовар гардем, ки меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамаи соҳаҳои кишвар, аз ҷумла дин, заминаи асосии ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Моддаҳои 1, 5, 8, 10, 14, 17, 26, 30 ва 100 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита ба самти ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин бахшида шудаанд, ки меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Дар ин асос, меъёрҳои Конститутсия дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар самти озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

Муҳим он аст, ки дар асоси талаботи моддаи 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидоштаро манъ намудааст, ки ногузирии меъёри мазкурро дар масири таърих таҷрибаи давлатдории миллии муосири тоҷикон собит намудааст.

Санади меъёрии ҳуқуқии асосие, ки фаъолияти иттиҳодияҳои диниро дар Тоҷикистон бевосита танзим менамояд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» мебошад. Тибқи он, озодии инсон ва шаҳрванд нисбат ба интихоби дин, инчунин, ба ҷо овардани маросими динӣ кафолат дода шуда, иттиҳодияҳои динӣ дар доираи низоми дохилии парастишӣ ва ғайрипарастишӣ, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф намебошанд, фаъолият менамоянд. Қонуни зикршуда муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, муносибати байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ, инчунин, вазъи ҳуқуқии иттиҳодияҳои диниро танзим намуда, дахолат накардани давлатро ба фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ба ҷуз аз ҳолатҳое ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, таъмин мекунанд.

Инчунин, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Тартиби гузаронидани ташхиси давлатии диншиносӣ», «Дар бораи тасдиқи Тартиби гирифтани таълими динии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар», «Дар бораи Тартиби сафари шаҳрвандон барои адои ҳаҷ ва умра» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин нақши муҳим доранд.

Набояд нодида гирифт, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин нақши назаррас дошта, татбиқи онҳо бо риояи талаботи моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешавад. Ба ин гуна санадҳо Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак, Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ, Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон, Конвенсияи Созмони ҳамкории Шанхай бар зидди терроризм, Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бар зидди терроризм, ҷудоихоҳӣ ва ифротгароӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Тамоми шароит фароҳам аст, ки иттиҳодияҳои динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда, давлат ва иттиҳодияҳои динӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва хайриявӣ, инчунин, дар масъалаҳои таъмини бехатарии ҷамъиятӣ, ҳифз ва рушди арзишҳои миллӣ ва мероси таърихию фарҳангӣ, таҳкими саломатии аҳолӣ ва пешгирии ифротгароӣ ҳамкорӣ намоянд. Ҳамкории самарабахши давлат ва иттиҳодияҳои динӣ унсури муҳими таъмини субот ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, эътироф бояд кард, ки саҳми иттиҳодияҳои динӣ дар беҳбудии вазъи иҷтимоии аҳолӣ, бунёдкорию созандагӣ ва тарбияи маънавию ахлоқии аҳли ҷомеа назаррас мебошад.

Муҳим ва мантиқан дуруст аст, ки давлат барои пойдории таҳаммул ва эҳтироми байни шаҳрвандони диндору бедин, байни пайравони иттиҳодияҳои динии гуногун мусоидат намуда, ба тавсеа ёфтани таассуб, хурофот ва ифротгароӣ дар фаъолияти онҳо роҳ намедиҳад. Зеро дар шароити кунунӣ муборизаи оштинопазир бо экстремизм ва терроризм аз авлавиятҳои сиёсати дилхоҳ давлат ба шумор рафта, муносибати дуюмдараҷа ба он пайомадҳои ногувор ба бор меорад.

Бо мақсади пурзӯр намудани муқовимат ба экстремизм ва терроризм бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм» тасдиқ карда шуд, ки мақсад, вазифа ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм, аз ҷумла нақши иттиҳодияҳои динӣ дар пешгирии тундгароии динӣ ва экстремизмро муайян менамояд.

Дар маҷмуъ, ҳадафи давлат аз ибтикори амалишуда фароҳам овардани шароити мусоид баҳри таҳкими робита бо иттиҳодияҳои динӣ, татбиқи кафолатҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши озодии виҷдон, таъмини баробарӣ ва таҳаммулпазирии динию мазҳабӣ, пешгирии паҳншавии ғояву ақидаҳои ҳаракату равияҳои тундрав, ба вуҷуд овардани фазои таҳаммулпазирӣ дар ҷомеа мебошад.

Аз ин бармеояд, ки «хулоса»-и USCIRF комилан бепоя ва ғаразнок аст.

**Далер АБДУЛЛО,**
**номзади илмҳои сиёсӣ**

# ҚОНУНЕ, КИ ҲАСТИИ МОРО ҲИФЗ МЕНАМОЯД

**Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба марҳилаи нави инкишофи таърихӣ - бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ ворид гардида, баҳри таҳкими ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи комил дар кишвар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ сафарбар гардидааст.**

Кишвари мо барои таҳкими пояҳои Истиқлоли давлатӣ, пойдории ваҳдати миллӣ ва таъмини суботи комил, инчунин, барои пешгирӣ ва аз байн бурдан ва несту нобуд кардани омилҳои манфии ҷомеаи имрӯза, махсусан терроризму экстремизм, пайваста талош меварзад.

Дар ҷаҳони муосир равандҳо ва зуҳуроте мавҷуданд, ки на танҳо ба як кишвар ва ё як минтақа, балки ба тамоми кишварҳои ҷаҳон ва дар маҷмуъ, ба кулли мардумони сайёра таҳдид мекунанд. Аз ҷумлаи чунин зуҳуроти номатлуб, ки хатари минтақавию байналмилалиро ба бор оварда, дар ҳама минтақаҳои олам тамоюли паҳншавӣ доранд, терроризм ва экстремизм мебошанд. Ҳарчанд зуҳуроти мазкур нав ва мавҷуди ин аср нестанд, вале дар баробари асри нав симои навро ба худ гирифта, моҳияти онҳо шакли муташаккилтару мураккаби зоҳиршавиро пайдо кардааст. Имрӯз ва дар оянда низ терроризм ва экстремизм ҳамчун хавфноктарин таҳдидҳо барои инсоният ва ҷомеаи башарӣ боқӣ монда, бо истифода аз технологияи муосир, ки босуръат рушд намуда истодааст, тарзу усулҳои нави истифодабариро ба худ касб мекунад. Барои мисол, дар як даҳсолаи охир садҳо ҳазор нафар мардуми осоишта қурбони амалҳои террористӣ ва экстремистӣ гардида, ҳазорҳо нафари дигар маъюбу корношоям шуданд. Ҳалокати ҳазорон мардуми осоиштаи сайёра, алалхусус қисми осебпазири ҷомеа - занону кӯдакон аз ин хатари марговар гувоҳи он аст, ки ин амалу кирдори ваҳшиёна ба касеву чизе раҳм надорад ва ҳамчун василаи амалӣ сохтани ҳадафу мақсадҳои нопок аз ҷониби як тӯдаи аз фарҳангу маърифат дур, бехирад ва ҷоҳилу нотавонбин истифода мегардад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пайваста иброз медоранд, ки «терроризм ба ягон дин, мазҳаб ё миллат хос нест, яъне террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад».

Имрӯз дар дунё ҳар гуна гурӯҳҳои манфиатхоҳ аз надонистани қонун, дониши пасти сиёсӣ, хурофотпарастӣ ва паст будани вазъи иҷтимоии аҳолӣ истифода намуда, онҳоро баъзан ба содир кардани амалҳои террористӣ ҷалб менамоянд. Онҳо тамаддуни исломиро нодуруст шарҳ дода, ҷавононро ба сӯи фанатизм ва экстремизм ҷалб менамоянд.

Бинобар ин, дар шароити бархӯрди тамаддунҳо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» тақозои замони соҳибистиқлолӣ буда, барои рушду тараққиёти ҷомеа заминаи мусоид фароҳам меорад. Вожаи ватандӯстӣ аз нигоҳи илмҳои ҷомеашиносӣ маънои дӯст доштани Ватан-Модар, зодгоҳ, марзу буми аҷдодӣ, содиқ будан ба халқу Ватани хеш, меҳанпараст будан ва хизмат ба халқу Ватанро дорад. Ба иборaи дигар, ватандӯстӣ пос доштан ва эҳтироми арзишҳои миллӣ, арҷ гузоштан ба фарҳанги миллӣ ва муаррифии кишвар дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Дар роҳи ватандӯстӣ тарбия кардани ҷавонону наврасон яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мактабу маориф ба ҳисоб меравад. Зиёд намудани иттилооти наврасон оид ба дастовардҳои замони истиқлоли кишвар ва нақши онҳо дар ҳаёти имрӯза дар ин раванд хеле бамаврид мебошад. Хонандагону донишҷӯёнро аз таърихи Ватан огоҳ кардан ва дар замири онҳо ҷой додани ҳисси ватандӯстӣ бояд ба вазифаи аввалиндараҷаи ҳар омӯзгор табдил ёбад.



Субъекти дигари тарбияи ватандӯстӣ воситаҳои ахбори омма ба шумор меравад, зеро тавассути барномаҳои телевизионию радиоӣ пахш кардани маводи хусусияти ватандӯстидошта, инъикоси арзишҳои миллӣ, тарғиби либоси миллӣ, маконҳои фарҳангии кишвар аз манфиат холӣ нест. Барои рушди фарҳанги миллӣ бояд барномаҳое пешниҳод гарданд, ки дар онҳо арзишҳои фарҳангии мо инъикос шуда бошанд. Яке аз онҳо тарғибу ташвиқи либоси миллӣ ба ҳисоб меравад.

Шаҳрвандон, ки яке аз субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ба ҳисоб мераванд, аҳамият ва моҳияти ин қонунро дарк карда, барои амалишавии он кӯшиш ба харҷ диҳанд. Имрӯз моро мебояд бештар аз пештар баҳри ободии Ватан саҳми хешро гузорем. Барои дар замири ҷавонону наврасон ҷой додани меҳри Ватану ватандӯстӣ кӯшиш намоем.

Ҳар фарди худогоҳи миллатро зарур аст, ки дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон саҳми худро гузорад. Чун тарбияи ватандӯстӣ боиси рушди соҳаҳои алоҳидаи кишвар гардида, дар ҳифзи марзу бум, тамомияти арзии кишвар ва таъмини сулҳу осоиштагӣ на танҳо дар Тоҷикистон, балки минтақа ва ҷаҳон нақши асосӣ мегузорад.

Ҳар як фарди бошуур ва бомаърифати ҷомеа, махсусан ҷавононро, ки аксарияти ҷамъиятро ташкил медиҳанд, месазад ба афкори барғалати чеҳраҳои ноаён фирефта нашаванд, дар ҷустуҷӯи омӯзиш, азбарнамоӣ ва ғанигардонии маърифати ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии хеш бошанд, то дар таҳкими суботи комили сиёсии Тоҷикистони азиз саҳмгузор бошанд. Чун суботу амнияти Тоҷикистон, устувории ҷойгоҳи Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ ва амнияту осудагии марзҳои давлатии Тоҷикистон барои ҳар яки мо арзиши муҳим ва калидӣ дорад.

Дар баробари хурӯҷи гурӯҳҳои террористӣ ҷавононро зарур аст, ки чун неруи пешбаранда, ворисони асилу арзандаи миллату давлат ва созандагони имрӯзу фардои Тоҷикистони азиз бо ҳисси баланди миллӣ давлати миллиамонро ҳамчун гавҳари ноёб эҳтирому ҳифз намоянд, чун неруи бузурги созанда ва сипари боэътимод бар зидди ҳама гуна хатарҳо бо роҳҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ мубориза баранд.

**Зебунисо САТТОРЗОДА,**
**судяи суди ноҳияи Кӯшониён**

Даъвати баҳорӣ - 2025

# ИҶРОИ НАҚШАИ ДАЪВАТ АЗ 80% ГУЗАШТ



**Дар даҳрӯзаи якуми даъвати баҳории ҷавонони кишвар ба хизмати ҳарбӣ Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон, ноҳияҳои минтақаи Рашт, шаҳри Душанбе, инчунин, ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ ва шаҳри Бӯстони вилояти Суғд иҷрои нақшаи сафарбаркунии ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакатро беш аз 100% таъмин намуданд.**

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нақшаи даъват беш аз 72 ва дар вилояти Суғд бошад, 54 дарсадро ташкил медиҳад.

Дар маҷмуъ, иҷрои нақшаи даъват дар саросари ҷумҳурӣ аз 80 дарсад гузаштааст, ки нишондиҳандаи мазкур дар қиёс бо солҳои қаблӣ баланд арзёбӣ мегардад. Ин натиҷаи бештар ва самаранок ба роҳ мондани чорабиниҳои маърифатӣ дар самти баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон мебошад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки даъвати баҳории ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон то охири моҳи майро дар бар мегирад.

**С. СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

# ДУШАНБЕ АЗ БОСТОН ТО ИМРӮЗ



**(Идома аз саҳ. 1)**

Замоне дар ин ҷо шаҳре буд, ки ба 40 гектар доман паҳн карда ва он то асрҳои ҳафтуму ҳаштуми то милод «умр дид». Дар Душанбе ва гирди шаҳр ёдгориҳои мансуб ба аҳди Юнону Бохтариҳо ва Кӯшониён фаровонанд. Дар давраи Кӯшониён Теппаи Арки Мир, Теппаи Искандар барин маҳалҳои аҳолинишин ва аркҳо пайдо шуданд…Бостоншиносон аз қаламрави Душанбеи ҳозира се ҳазору сесад танга ёфтаанд. Пулҳое ҳастанд, ки дар аҳди қарахониён (асрҳои XI-XII), ғуриён Муҳаммад Хоразмшоҳ (1200-1220) ва солҳои 1428-1429 сикка задаанд, аз замони шайбониён ҳам тангаҳо мерос мондаанд».

Олими дигари тоҷик Шарқӣ Юсуфов низ дар замони шуравӣ роҷеъ ба Душанбе тадқиқоти зиёд анҷом додааст. Дар китоби ӯ, ки бо номи «К истории дореволюционного Душанбе» соли 1988 нашриёти «Дониш» ба табъ расонда буд, аз ҷумла таъкид шудааст: «Душанбе дар гузашта маркази бузурги савдо будааст. Бостоншиносон тангаҳои асрҳои XV ва оғози XVI-ро ёфтаанд, ки онҳоро дар шаҳрҳои мухталиф сикка задаанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки роҳи тоҷирони бисёр кишварҳо аз Душанбе мегузаштааст».

Дар рисолаҳои донишмандони пешазинқилобии Россия низ дар бораи шаҳри Душанбе маълумоти ҷолиб ҷой доранд. Ба муаллифи ин сатрҳо имконият даст дод, ки чанд сол пеш дар бинои собиқ Китобхонаи миллии Тоҷикистон баъзе китобу маълумотномаҳои онҳоро пайдо намоям. Аз ҷумла, муҳаққиқи рус, афсар Б. Н. Литвинов, ки охири асри XIX ба ин минтақаҳо сафар кардааст, дар яке аз навиштаҳояш зикр менамояд: «Дар байни хонаҳои зичи шаҳр дар қад-қади кӯчае, ки аз назди қалъа сар шуда, ба боло, ба тарафи Варзоб тӯл мекашад ва ба дашти васеи ҳамҳудуди шаҳр мебарояд, осори девори қалъаи қадимаро дидан мумкин аст. Ба назарам чунин менамуд, ки (ман шабона аспсавор аз назди он гузаштам) ин девор аз хишти хом сохта шудааст ва қисман харобаи қалъаи Самарқандро ба хотир меоварад».

Соли 1959 дар маҷаллаи «Маданияти Тоҷикистон» мақолаи мудири шуъбаи таърихи Осорхонаи ҷумҳуриявии таъриху кишваршиносии Тоҷикистон Е. В. Земайл ба нашр расида буд, ки дар он муаллиф дар ҷои Душанбеи ҳозира дар асрҳои XI-XIII мавҷуд будани шаҳри ободу зебо далелҳои зиёд оварда, ҳамзамон, қайд кардааст: «Қадимтарин осорҳои зиндагии одам дар қаламрави Сталинобод ба давраи охирини асри санг – неолит дахл доранд, ки онро «асри нави санг» ҳам меноманд».

Таърихи инсоният борҳо собит кардааст, ки ҳар минтақаи ободу дилкаш ва пурсарват мавриди тохтутози ғосибон қарор мегирад. Аз ҷумла, шаҳри қадимае, ки имрӯз пойтахти кишварамон аст, борҳо аз ҷониби аҷнабиён ғасб, талаю тороҷ ва хароб шудааст. 15 августи соли 1990 дар нашрияи «Пионери Тоҷикистон» мақолае бо номи «Душанбе шаҳри қадиму ҷавон» чоп шуда буд, ки дар он аз ҷумла, қайд шудааст: «Вақте ки шаҳр сохта мешуд, он вақт маълум набуд, ки дар таги он шаҳри қадимае ҷой дорад… Ҳамин тавр, фарзияе исбот гардид, ки шаҳри Душанбе дар замонҳои Искандари Мақдунӣ сохта шудааст…».

Қадима будани шаҳри Душанберо ковишҳои бостоншиносон дар соли 1989 низ исбот кард. Моҳи декабри ҳамон сол дар маҳаллаи Қарияи болои шаҳр ҳангоми корҳои сохтмонӣ як қабри қадима пайдо шуд ва аз дохили он дастпона, муҳра ва дигар ороишоти занона ёфтанд, ки ин ҷавоҳиротро занҳои ҳудуди имрӯзаи Осиёи Марказӣ дар охири асри V ва аввали асри VIII истифода мекардаанд. Дар ин бора муовини директор оид ба корҳои илмии Институти таърих, археология ва этнографияи Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон ба номи Аҳмади Дониш (ҳоло Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш) В. Соловьёв ба рӯзномаҳо хабар дода буд. Аз ин пештар муҳаққиқ Қаҳҳор Расулов дар мақолааш «Душанбе шаҳри бостонии тоҷик», ки онро рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» 5 феврали соли 1989 ба нашр расонида буд, зикр кардааст: «Як қатор бозёфти дар солҳои 1951-1952 ёфтшуда, аз қабили гӯшвораи аз тиллою нуқра сохташуда, ки дар он пайкараи зан ва панҷаҳои шер тасвир ёфтаанд, зину афзоли асп ва тарҳи биноҳо дар соҳили дарёи Душанбе, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ин мавзеъ ҳанӯз дар давраи подшоҳии Юнону Бохтар (асри II то милод) шаҳрчае вуҷуд доштааст».

Чанд маълумоти мухтасаре, ки пешниҳоди хонандагони арҷманд гардонидем, маълум менамояд, ки Душанбеи имрӯза дар давраҳои қадим ҳам шаҳри бонуфуз ва макони ободе будааст ва бинобар тохтутозу ҷангҳои ғосибон он хароб ва қариб ки ба нестӣ расида буд.

Дар замони шуравӣ Душанбе ба пойтахти Тоҷикистон табдил дода шуд, аммо таи беш аз сӣ соли соҳибистиқлолӣ барои эҳё ва рушди пойтахти мамлакат тадбирҳое амалӣ гардид, ки давоми беш аз 70 сол як давлати абарқудрату дорои тамоми имкониятҳо ин корро накарда буд. Роҳбарияти олии мамлакат ва шаҳрдори Душанбе баҳри рушди пойтахт нақшаҳои бузурги созандагиро амалӣ карданд ва дар натиҷаи ғамхорӣ ва дастгирии пайваста имрӯз он ба як макони афсонавӣ, дилкашу гуворо ва маркази чорабиниҳои сатҳи минтақавию ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Воқеан, Душанбе соат ба соат, рӯз ба рӯз ободтар мешавад, симояшро дигар мекунад ва шуҳраташ мунтазам боло меравад.

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТИИ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 16 майи соли 2025 музоядаи № 14-ро оид ба фурӯш ё ба иҷора супоридани амволи ҶСК «Фононбонк» ва ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк», ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд

| № | Номгӯй | Суроға | Масоҳати бино ($м^2$) | Арзиш (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Манзили истиқоматӣ ҶДММ «Абр Текстил» | шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, ошёнаи 15, блоки В | 56,9 | 440 064,60 |
| 2 | Манзили истиқоматӣ ҶДММ «Абр Текстил» | шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, ошёнаи 14, блоки В | 56,9 | 440 064,60 |
| 3 | Манзили истиқоматӣ ҶДММ «Абр Текстил» | шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, ошёнаи 11, блоки Г | 45,5 | 351 897,0 |
| 4 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Шаҳринав, ҷамоати деҳоти Чузӣ, деҳаи Элок | 129,0 | 341 551,0 |
| 5 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Шаҳринав, ҷамоати деҳоти Чузӣ, деҳаи Элок | 323,4 | 151 643,0 |
| 6 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, кӯчаи Г.Самиев, хонаи 27а | 289,40 | 173 978,0 |
| 7 | Манзили истиқоматӣ ҶДММ «Партнёр» | шаҳри Душанбе, к.академик А.Адҳамов, ошёнаи 11, блоки Г | 53,6 | 481 757,0 |
| 8 | Манзили истиқоматӣ ҶДММ «Партнёр» | шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, ошёнаи 12, блоки Г | 128,9 | 1 158 553,0 |
| 9 | Манзили истиқоматӣ ҶДММ «Партнёр» | шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, ошёнаи 12, блоки Г | 128,8 | 1 157 654,0 |
| 10 | Манзили истиқоматӣ ҶДММ «Партнёр» | шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А.Адҳамов, ошёнаи 12, блоки Г | 128,9 | 1 158 553,0 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатии оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда барои иншоотҳо 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатии оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТИИ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

